# СУРАТМАҶЛИСИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-004
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 20.09.2025, №59** **ш. Душанбе**

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз мекунем. Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2025 №247 тасдиқ шудааст, 15 нафар ҳузур доранд. Аз инҳо 5 нафар аз руйи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда ҳузур доранд. Кворум ҳаст. Оид ба баргузории маҷлиси шурои диссертатсионӣ чӣ гуна таклифу пешниҳодҳо ҳаст? Пешниҳод гардид, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ оғоз карда шавад.

Аз аъзои шурои диссертатсионӣ хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро муайян кунанд. Зид, бетараф?.Нест. Бо як овоз қабул шуд.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи докторанти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)).

**Мушовири илмӣ** Асрорзода Убайдулло Саттор - доктор илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Қодирзода Диловар Бахридин** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** - Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ. Кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешниҳодшуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи докторант ба котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Гулов Шерали Маҳмадсаидович дода мешавад.

**Гулов Ш.М.:** Маълумотномаи Одиназода Компрон Саидаброрро қироат мекунад.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ. Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Ташаккур шинед. Сухан ба докторант Одиназода Компрон Саидаброр барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дода мешавад. Тибқи банди 82 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) барои маърӯза то 40 дақиқа вакт дода мешавад. Марҳамат.

**Одиназода К.С.**: Баромад мекунад.

**Раиси шуро:** Кӣ ба Одиназода К.С.: савол дорад? Марҳамат аъзои шурои диссертатсионӣ д.и.и., профессор Умаров Х., д.и.и., профессор Шерова Н.Д., д.и.и., профессор Обидов Ф.С., д.и.и., дотсент Ҳакимова М.Ф., академик Қаюмов Н.Қ., д.и.и., профессор Қандиёрова Д.О., д.и.и., профессор Низомова Т.Д. ва д.и.и., профессор Ғаниев Т.Б.

**Одиназода К.С.** : Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

**Раиси шуро:** Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя.

Сухани навбатӣ ба мушовири илмӣ докторант доктор илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. дода мешавад, вале бо сабаҳои узрнок Асрорзода У.С. дар ҷаласаи имрӯза пурра иштирок карда натавонистанд. Бинобар ин, сухан ба котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Гулов Шерали Маҳмадсаидович барои хондани тақризи мушовири илмӣ дода мешавад Марҳамат.

**Гулов Ш.М.** Тақризро мушовири илмиро мехонад (тақриз замима мегардад).

**Раиси шуро:** Ташаккур.

**Раиси шуро:** Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иктисодӣ, Гулов Шералӣ Маҳмадсаидович барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсияи навишташуда ба шуро ворид гардидаанд, дода мешавад.

**Гулов Ш.М.:** Қироат мекунад.

1.Хулосаи комиссияи экспертӣ.

2.Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).

3.Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

**Раиси Шуро:** Ташаккур! Сухан ба докторант барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферат воридгардида дода мешавад.

**Одиназода К.С.:** Ба эродҳои дар тақризи муассисаи пешбар ва ба эродҳои ба автореферати диссертатсия воридгардида ҷавоб мегардонад.

**Раиси шуро:** Ташаккур. Сухан ба муқарризи расмӣ **Қодирзода Диловар Баҳридин** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода мешавад. Марҳамат.

**Қодирзода Д.Б.** - Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

**Раиси шуро:** Ташаккур. Сухан ба докторант Одиназода К.С. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Одиназода К.С.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раиси шуро:** Ташаккур. Сухан ба муқарризи расмӣ **Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода мешавад. Марҳамат.

**Ҷонмамадов Ш.Б.** - Тақризро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

**Раиси шуро:** Ташаккур. Сухан ба докторант Одиназода К.С. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Раиси шуро:** Ташаккур. Сухан ба котиби шурои диссертатсионӣ Гулов Ш.М. барои қироат намудани тақризи муқаррizи расмӣ Ғоибназарзода С.М. дода мешавад.

**Гулов Ш.М.:** Тақризи муқарризи расмиро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

**Раиси шуро:** Ташаккур, Сухан ба докторант Одиназода К.С. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Одиназода К.С.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раиси шуро:** Ташаккур. Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ ба мубоҳиса мегузарем. Мувофиқи банди 92 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) бояд дар музокираи диссертатсия камаш 2 нафар узви шуро, ки ҳамчун мутахассисон аз руйи диссертатсияи ҳимояшаванда дониста мешаванд, ҳатмӣ бояд баромад кунанд. Аз мутахассисон кӣ мехоҳад баромад кунад? Баромад намуданд: д.и.и., профессор Шерова Н.Д., д.и.и., профессор Умаров Х. ва д.и.и., профессор Обидов Ф.С.

**Раиси шуро:** Боз ягон нафари дигар баромад мекунад? Нест? Сухан ба докторант Одиназода Комрон Саидаброр барои посух додан ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ, ҳамзамон ҷиҳати ироаи сухани ҷамъбастӣ дода мешавад.

**Одиназода К.С.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад. Ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

**Раиси шуро:** Саломат бошед, шинед. Бо ҳамин муҳокима ва мубоҳисаи диссертатсия ба итмом мерасад. Устодони муҳтарам ва аъзоёни Шуро, ба овоздиҳии пинҳонӣ мегузарем. Барои ин зарур аст, ки мувофиқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) комиссияи ҳисоб интихоб карда шавад.

Кӣ чӣ таклиф дорад оид ба аъзои комиссияи ҳисоб, марҳамат? Пешниҳод шуд, ки комиссияи ҳисоб барои шумурдани овозҳо дар ҳайати профессорон Обидов Ф.С. Шамсзода И.С. ва Ҳакимова М.Ф. ташкил карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ ҷонибдори дар ҳамин ҳайат ташкил шудани комиссияи ҳисоб мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест.

Якдилона ҷонибдорӣ гардид (овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раиси шуро:** Ташаккур. Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ акнун сухан ба раиси комиссияи хисоб д.и.и., профессор Обидов Ф.С. дода мешавад.

**Обидов Ф.С.:** Муҳтарам раиси шуро, муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ иҷозат диҳед шуморо бо протоколи маҷлиси комиссияи ҳисоб, ки шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 аз 20 сентябри соли 2025 интихоб намудааст, шинос намоям (протоколи комиссияи ҳисобро мехонад).

**Раиси шуро:** Ташаккур. Кӣ ҷонибдори он аст, ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад. хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Ба қабули матни хулоса аз руйи диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр, ки қаблан лоиҳаи он ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим шуда буд. Аъзои шуро чӣ гуна эрод, пешниҳод ё илова доранд?

**Аъзои шуро:** Бо назардошти пешниҳодҳо қабул карда шавад.

**Раиси шуро:** Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо қабул гардидани хулосаи шурои диссертатсионӣ аз руйи диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф - нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шуро:** Иҷозат диҳед, карори шурои диссертатсиониро оид ба ҳимояи диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр эълон намоям.

## ҚАРОРИ
## ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-004
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 20.09.2025, №59** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), тақризи мушовири илмӣ - д.и.и., дотсент, Асрорзода У.С., тақризи муассисаи пешбар Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тақризи муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Қодирзода Диловар Бахридин, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар, баромади аъзои шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Шерова Н.Д., д.и.и., профессор Умаров Х. ва д.и.и., профессор Обидов Ф.С. ва шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ

қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад;
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;
3. Ба Одиназода Комрон Саидаброр дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Одиназода Комрон Саидаброрро бо дипломи дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

**Раиси шуро:** Кӣ тарафдори қарори зикршуда бошад, овоз диҳед. Кӣ тарафдор? Ташаккур. Зид, бетараф - нестанд. Якдилона тасдиқ карда шуд.

**Раиси шуро:** Иҷозат диҳед докторантро барои бомуваффақият ҳимоя намудани рисолаи доктории табрик намоям ва ба ҳамаи аъзоёни шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Ба ҳамин маҷлиси шурои диссертатсионӣ пушида эълон мегардад.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., профессор — Усманова Т.Ҷ.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Гулов Ш.М.

20.09.2025